Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи номзадии Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшида шудааст. Ин бори дигар собит менамояд, ки институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертант вазифаҳои таҳқиқот, ки сохтори диссертатсияро муайян менамоянд, возеҳу равшан тартиб додааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии он дар адабиёти илмӣ тавсиф, алоқамандии таҳқиқот бо дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, объект, мавзуъ, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар ин қисмат аз ҷониби муаллиф аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Инчунин, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд (С. 4-20).

**Боби якуми диссертатсия** «Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. **Зербоби якуми боби якум** – «Мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном дошта, муаллиф зимни омӯзиши он ишора мекунад, ки

функсия маънои амалӣ кардан ва иҷро намудани амали муайянеро ифода мекунад. Вобаста ба ҷавобгарӣ бошад, тобиши каме дигарро ба худ касб намудааст. Яъне, маҷмуи самтҳои таъсиррасонӣ мебошад.

Дар таҳқиқоти илмии мазкур муаллиф иброз менамояд, ки мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо функсияҳои ҳуқуқ алоқамандии зич дошта, баъзан якдигарро пурра мекунанд. Бар замми ин, ба ақидаи диссертант, лозим меояд, ки функсияҳои ҳуқуқ низ аз нигоҳи мафҳуму моҳият равшан карда шавад. Функсияҳои ҳуқуқ дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз заминаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб рафта, моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор месозанд. Ин имкон медиҳад, ки мавқеи шахсии муаллиф оид ба мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо функсияҳои ҳуқуқӣ аниқ карда шавад (С. 26-27).

**Дар зербоби дуюми боби якум** – масъалаи «Таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» баррасӣ гардида, қайд мегардад, ки барои ташаккули институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар муайян намудани асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бисёр муҳим мебошад. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз моҳият ва махсусиятҳои институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бармеояд. Аз ин нуқтаи назар, дар таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омилҳои зиёд, аз қабили мақсад, намудҳо ва принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Унвоҷӯ аз мазмуни андешаҳои муаллифон доир ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосабарорӣ намуда, якчанд функсияҳои умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқиро (ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ) ҷонибдорӣ намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Чунки асоси чунин таснифот хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад (С. 32).

**Боби дуюми диссертатсия** – «Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном дошта, аз ҳафт зербоб иборат мебошад.

**Зербоби якуми боби дуюм** – ба мафҳуми «Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» бахшида шуда, диссертант қайд менамояд, ки барои ҳуқуқтатбиқсозӣ на танҳо мавҷудияти худи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки шаклҳои амалисозии онҳо низ аҳаммияти калон дорад. Бояд тазаккур дод, ки бе мавҷудияти шаклҳои амалисозӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ғайриимкон ба назар мерасад. Яъне, шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ воситаи муҳимми татбиқи онҳо ба ҳисоб меравад, ки боиси дастгирӣ мебошад. Аз ин хотир, муаллиф хотиррасон месозад, ки дар зербоби мазкур мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад (С. 52).

Диссертант андешаҳои як қатор олимон ба монанди: Р.Ш. Шарофзода У.А. Азиззода, Г.С. Азизқулова, А.А. Мусаткина, А.В. Малко, Э.С. Насриддизода, Т.Ш. Шарипов А.З. Куканов ва диг. дар бораи тафовут доштани мафҳуми функсияҳои ҳуқуқ аз функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дуруст ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки ин ақида қобили дастгирист, чунки пайвастагии шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шаклҳои амалисозии ҳуқуқ ва функсияҳои он гуногун будани шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро нишон медиҳад (С. 52-59).

**Зербоби дуюми боби дуюм** – «Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном дорад. Диссертант зимни баррасии масъалаи мазкур қайд намудааст, ки агар амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои муайян вобастагӣ дошта бошад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар навбати худ дорои шаклҳои дахлдори амалисозии худ мебошанд, ки маҳз тавассути онҳо ин ва ё он функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди амалисозӣ қарор дода мешавад. Ҳарчанд дар адабиёт дар хусуси шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсҳои муайян ҷой дошта бошад ҳам, вале ду шакли муҳимми онҳо дар назария ва амалия бештар паҳншуда мебошанд: яке шакли ихтиёрӣ ва дигаре шакли маҷбурӣ.

Андешаи муаллиф дар бораи новобаста аз он ки муаллифон бештар аз шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷонибдорӣ карда бошад ҳам, вале ӯ ҷонибдорӣ аз ҳар ду шаклҳои зикршуда мебошад, боиси дастгирӣ аст. Зеро, инкор кардани шакли ихтиёрӣ дар як маврид ин инкор намудани усули диспозитивии таснифоти соҳаҳои ҳуқуқ ва ҳамзамон соҳаҳои ҳуқуқи хусусиро ифода менамояд (С. 65).

**Дар зербоби чоруми боби дуюм** – масъалаи «Амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ» таҳқиқ гардида, диссертант қайд намудааст, ки яке аз функсияҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин функсияи ҷаримавӣ ба ҳисоб меравад. Махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар барои тамоми намудҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос намебошад. Андешаи муаллиф, доир ба бештар будани функсияи ҷаримавӣ дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ, боиси дастгирӣ мебошад, чунки меъёрҳои кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст. Махсусияти дигари функсияи мазкур дар он ифода мегардад, ки он баҳри татбиқи санксияҳои ҷаримае, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар менамояд, нигаронида шудааст (С. 96).

**Зербоби панҷуми боби дуюм** – ба масъалаи «Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ» бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия иброз менамояд, ки чун дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷубронсозӣ низ дар ду шакл – ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба амал баровaрда мешавад. Функсияи мазкур бештар хоси ҷавобгарии маданӣ мебошад, ин андешаи муаллиф боиси дастгирӣ мебошад. Зеро, дар ҷавобгарии маданӣ яке аз шаклҳои ба амал баровардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ҷуброни зарар мебошад. Новобаста аз он ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ иштирокчиён баробарҳуқуқ буда, дар асоси усули диспозитивӣ амал мекунанд, вале ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар намуди ҷуброни зарар иҷрои он барои як тараф ҳатмӣ мегардад. Дар ин ҳолат функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маданӣ дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Бо назардошти ин қайд мегардад, ки функсияи мазкур ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ ба амал баровaрда мешавад (С. 115).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мураттабгашта вобаста ба мавзуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** далолати саҳеҳият ва саҳми шахсии муаллиф мебошанд. Мавзуи дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ ва проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамояд. Инчунин, ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Таҳлили ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илми ватанӣ ва хориҷи кишвар ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳод, таклиф ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднок будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологии «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқ гардидаанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда заминаи илмӣ-методологии таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ

ва амалӣ дар самти амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар вобаста ба масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Ҳамзамон, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Дар солҳои охир аз ҷониби олимони ватанӣ доир ба масъалаҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шудааст. Махсусан, вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқи кишвар. Оид ба низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва баъзе аз намудҳои ҷавобгарии маданӣ таҳқиқотҳои назаррас анҷом дода шудааст. Вале, аз чи бошад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ба онҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Бояд иброз дошт, ки мақсади асосии фароҳам овардани шароит барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин рушди илми ватанӣ, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, аммо илми ватанӣ дар он сурат инкишоф меёбад, ки агар ҳангоми навиштани рисолаҳои диссертатсионӣ таваҷҷуҳи бештар ба олимони ватанӣ зоҳир карда шавад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо муаллифро зарур аст, то дар таҳқиқи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муҳаққиқони соҳаҳои ҳуқуқи кишвар бештар рӯ меовард.

2. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бештар ба омӯзиш ва таҳлилии илмии намудҳои анъанавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ машғул гардидааст. Ҳол он ки, вобаста ба рушди назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ намудҳои муосири ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди ҷавобгарии ҳуқуқии оилавӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии экологӣ, ҷавобгарии конститутсионӣ ва ҷавобгарии мурофиавӣ низ пешниҳод ва

эътироф гардидааст. Вале аз ҷониби муаллиф, намудҳои мазкури ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ ба тариқи зарурӣ ва назаррас таҳқиқ нагардидааст. Хуб мебуд агар муаллиф доир ба намудҳои зикргардидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳолати танзими ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории амалкунандаи мамлакат ва назарияҳои илмӣ оид ба онҳо, ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия андешаи худро иброз медошт.

**3.** Бо ташаббус ва заҳматҳои устодон, муҳаққиқон ва кормандони амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар доир ба бисёре аз кодексҳои соҳавӣ ва қонунҳо як қатор тафсирҳои илмию оммавӣ навишта шудааст. Дар тафсирҳо меъёрҳои қонунгузорӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил гардида, тартиби татбиқи онҳо низ муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Аммо аз чи бошад, ки диссертант дар навиштани рисолаи худ ба онҳо камтар рӯ овардааст.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

**Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи** Алиев Исмоил Исмонович мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса, тавсияҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

Тавре маълум гардид, дар давраи омода намудани диссертатсия Алиев Исмоил Исмонович ҳамчун унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Чунин фаъолияти диссертант гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ҷавобгӯ буда, инчунин, робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Яъне, диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Проблемаҳои

такмилии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) омода карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ метавонад истифода шаванд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи мазмун ва моҳият фарогири масъалаҳои гуногун мебошад. Аз ин лиҳоз, тамоми вазифаҳо ва мақсадҳое, ки дар назди таҳқиқоти мазкур гузошта шуда буданд, ба пуррагӣ аз усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ҳалли худро пайдо намудаанд, ки ин имконият медиҳад, то ки мо таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Исмоил Исмоновичро ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии анҷомёфта эътироф намоем.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қаророи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ ва проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиев Исмоил Исмонович, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва хусусан илмҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як қатор масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзуи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад.

Ҳамзамон, хулоса, тавсияҳо, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф метавонанд, барои рушди қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд. Илова бар ин, маводи диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, таълиф намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо васеъ истифода намудан мумкин аст. Ҷиҳати хуби таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии ҳамаҷонибаи донишҳои бадастовардашуда дар масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо ташкил медиҳад.

**Дар умум,** Алиев Исмоил Исмонович, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қаророи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Муқаррризи расмӣ – раиси Кумитаи
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ
ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Имзои «Р.М. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«01» апрели соли 2024

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221-78-93, (992) 918-61-18-53
E-mail - rrm_67@mail.ru